## БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

### ШАРҲИ МУХТАСАРИ НИЗОМИ СУҒУРТА
### ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2020

Дар интиҳои нимсолаи якуми соли 2020 хизматрасониҳои суғуртавӣ аз ҷониби 18 адад иштирокчиёни касбии бозори суғурта ба аҳолии кишвар ба роҳ монда шудаанд, ки аз онҳо 2 адад ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ (КВД), 15 адад ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ ва 1 адад Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила мебошанд. Дар ин давра шумораи филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ бошад, 77 ададро ташкил намуданд. Бинобар сабаби барҳамхӯрии ҶДММ "ТС Лидер иншуранс" ва баста шудани як филиали ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ ва филиалҳои онҳо дар кишвар нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 1 ададӣ кам гардиданд.

**Ҷадвали 1. Сохтори иштирокчиёни касбии бозори суғурта** (адад)

| | *6/2019* | *6/2020* | *Тағйирот (+/-)* |
|---|---|---|---|
| Ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ | 2 | 2 | 0 |
| Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ | 16 | 15 | -1 |
| Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила | 1 | 1 | 0 |
| **Ҳамагӣ:** | **19** | **18** | **-1** |
| Филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ | 78 | 77 | -1 |

**Дар маҷмӯъ дар нимсолаи якуми соли 2020 дороиҳои умумии ташкилотҳои суғуртавии кишвар** ба 401,1 млн. сомонӣ баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 3,6 млн. сомонӣ (0,9 фоиз) кам гардидааст. Омили асосии таъсиррасон ба нишондиҳандаи мазкур қатъ гардидани фаъолияти ҶДММ ТС "Лидер Иншуранс" мебошад, ки дороиҳои он дар ҳамин

давраи соли гузашта 2,3 млн. сомониро ташкил медод. Ҳамзамон, тағйирёбии манфии дороиҳои КВД "Тоҷиксуғурта" ва ҶДММ ТС "Меҳрубон" дар ин давра таъсири худро ба ҳаҷми умумии дороиҳои низом расонид.

**Дар давраи ҳисоботӣ ӯҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ** бошад, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,8 млн. сомонӣ (4,3 фоиз) зиёд гардида, ба 215,2 млн. сомонӣ баробар шуд.

**Диаграммаи 1. Тағйирёбии дороиҳои низоми суғурта дар солҳои 2015-2019 ва нимсолаи якуми соли 2020**




**Диаграммаи 2. Тағйирёбии ӯҳдадориҳои тавозунии низоми суғурта дар солҳои 2015-2019 ва нимсолаи якуми соли**




**Ҳаҷми умумии маблағҳои худии (сармояи)**[1] **иштирокчиёни касбии бозори суғурта** дар моҳҳои январ-июни соли 2020 185,8 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 12,4 млн. сомонӣ (6,3 фоиз) коҳиш ёфтааст, ки ин раванд асосан бо сабаби кам шудани маблағҳои худии (сармояи) ҶДММ "Суғуртаи аввалини миллӣ" ба маблағи 10,2 млн. сомонӣ ва ҶДММ "Суғуртаи асри 21" ба маблағи 3,0 млн. сомонӣ ба амал омадааст.

Аз ҳаҷми умумии маблағҳои худӣ танҳо сармояи оинномавии иштирокчиёни касбии бозори суғурта дар давраи ҳисоботӣ 122,4 млн. сомониро дар бар гирифта, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 2,8 млн. сомонӣ (2,3 фоиз) зиёд мебошад, ки ин омил аз нисбатан устувор гардидани вазъи молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ дарак медиҳад.

---

[1] Маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавӣ сармояи оинномавӣ, сармояи захиравӣ, сармояи иловагӣ, фонди ҳавасмандгардонӣ, инчунин фоидаи тақсимнашударо дар бар мегиранд.

**Диаграммаи 3. Тағйирёбии маблағҳои худии (сармояи) низоми суғурта дар солҳои 2015-2019 ва нимсолаи якуми соли 2020**




**Диаграммаи 4. Тағйирёбии сармояи оинномавии низоми суғурта дар солҳои 2015-2019 ва нимсолаи якуми соли 2020**




**Ҳаҷми умумии воридоти мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ**, ки сарчашмаи асосии ташаккулёбии захираҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ ба ҳисоб меравад, дар давоми шаш моҳи соли 2020 ба 129,1 млн. сомонӣ баробар шуда, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли сипаришуда 31,6 млн. сомонӣ (32,5 фоиз) афзоиш ёфтааст.

**Диаграммаи 5. Тағйирёбии воридоти мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ дар солҳои 2015-2019 ва нимсолаи якуми соли 2020.**




Дар шаш моҳи соли 2020 воридоти мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ[2] аз рӯи шаклҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ 757,5 ҳазор сомонӣ ва суғуртаи ҳатмӣ 28,6 млн. сомониро ташкил доданд, ки мутаносибан

2 Ҳаҷми воридоти умумии мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ аз рӯи шаклҳо ба суғуртаи ҳатмии давлатӣ, суғуртаи ҳатмӣ ва суғуртаи ихтиёрӣ ҷудо мешаванд.

нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 157,6 ҳазор сомонӣ (17,2 фоиз) ва 3,9 млн. сомонӣ (12,0 фоиз) коҳиш ёфтаанд.

Воридоти мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ аз рӯи суғуртаи ихтиёрӣ бошад, дар давраи ҳисоботӣ ба 99,7 млн. сомонӣ баробар шуд, ки ҳиссаи он 77,2 фоизи ҳаҷми умумии мукофотҳои (ҳаққҳои) суғуртавиро ташкил медиҳад. Ҳаҷми воридот аз рӯи суғуртаи ихтиёрӣ дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 35,8 млн. сомонӣ (56,0 фоиз) афзуда, нисбат ба дигар шаклҳои суғурта саҳми асосиро дар зиёдшавии ҳаҷми умумии воридоти мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ гузоштааст.

**Диаграммаи 6. Тағйирёбии воридоти мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ аз рӯи шаклҳои суғурта дар нимсолаи якуми солҳои 2019 ва 2020**




**Ӯҳдадориҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавии кишвар** дар нимсолаи якуми соли 2020 ба 25,6 млрд. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 44,0 млрд. сомонӣ (2,7 маротиба) кам мебошад. Сабаби асосии ба маротиб кам гардидани ӯҳдадориҳои ба азнавсуғуртакунӣ додашуда вобаста ба барҳамхӯрии ҶДММ ТС "Лидер иншуранс" ба вуқӯъ пайвастааст, ки ӯҳдадориҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилоти мазкур дар нимсолаи якуми соли 2019 маблағи 43,0 млрд. сомониро ташкил медод.

Ҳаққи мукофоти суғуртавии ба азнавсуғуртакунӣ ирсолгардида бошад[3], дар шаш моҳи соли 2020 ба 44,8 млн. сомонӣ баробар шуд, ки

[3] Амалиётҳои азнавсуғуртакунии ташкилотҳои суғуртавии кишвар, ки барои кам кардани ӯҳдадориҳо ва коҳиш додани хавфҳои эҳтимолии ҳодисаҳои суғуртавӣ равона шудаанд, бинобар сабаби мавҷуд набудани ташкилоти азнвсуғуртакунии миллӣ тавассути ташкилотҳои азнавсуғуртакунии хориҷӣ анҷом дода мешаванд.

дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 29,3 млн. сомонӣ (2,9 маротиба) зиёд мебошад.

**Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ** дар маҷмӯъ 9,3 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 дар ҳаҷми 3,3 млн. сомонӣ (55,0 фоиз) зиёд мебошад. Афзоиши мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки ташкилотҳои суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғуртавии баамаломада ба суғурташавандагон барои рӯйпӯш намудани зарари расонидашуда маблағҳои бештарро равона кардаанд.

**Таносуби ҳаҷми пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ нисбат ба ҳаҷми умумии воридоти мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ** дар ин давра воридгардида 7,2 фоизро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 1,0 банди фоизӣ зиёд мебошад.

**Диаграммаи 7. Тағйирёбии пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ дар солҳои 2015-2019 ва нимсолаи якуми соли 2020**




**Диаграммаи 8. Тағйирёбии таносуби пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ нисбат ба мукофот (ҳаққи) суғуртавӣ дар солҳои 2015-2019 ва нимсолаи якуми соли 2020**




**Инчунин, дар давраи ҳисоботӣ пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ** аз рӯи шаклҳои суғурта чунин ҷамъбаст гардиданд. Аз рӯи шаклҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ ва суғуртаи ҳатмӣ мутаносибан дар ҳаҷми 55,0 ҳаз. сомонӣ ва 718,3 ҳаз. сомонӣ маблағҳо пардохт ва ҷуброн шудаанд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта суғуртаи ҳатмии давлатӣ 19,0 фоиз зиёд гардида, суғуртаи ҳатмӣ бошад, ба андозаи 2,6 фоиз коҳиш ёфтааст.

Пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ аз рӯи суғуртаи ихтиёрӣ дар ин давра афзоиши назаррасро соҳиб гашта, ба 8 591,4 ҳазор сомонӣ

баробар шуд, ки 91,7 фоизи ҳаҷми умумии пардохти (ҷуброни) суғуртавиро ташкил медиҳад ва дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 63,9 фоиз зиёд мебошад.

**Диаграммаи 9. Тағйирёбии Пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ аз рӯи шаклҳои суғурта дар нимсолаи якуми солҳои 2019 ва 2020**




**Шумораи умумии шартномаҳои басташудаи иштирокчиёни касбии бозори суғурта** бошад, дар шаш моҳи соли 2020 ба 734,0 ҳаз. адад расид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 154,0 ҳаз. адад (17,3 фоиз) камшавӣ дорад. Чуноне ки дар боло қайд намудем, воридоти мукофоти суғуртавӣ новобаста аз кам шудани шумораи шартномаҳои басташуда раванди афзоишёбӣ дорад. Ин омил аз он шаҳодат медиҳад, ки як қисми муайяни шартномаҳои суғуртавӣ ба маблағҳои суғуртавии калонҳаҷм баста шудаанд.

**Диаграммаи 10. Миқдори шартномаҳои басташуда дар солҳои 2015-2019 ва нимсолаи якуми соли 2020**



**Фоидаи софи ташкилотҳои суғуртавӣ** дар шаш моҳи соли 2020 ба 51,0 млн. сомонӣ баробар шуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 19,7 млн. сомонӣ (38,6 фоиз) кам мебошад.

Ба охири давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи даромаднокии низоми суғурта аз рӯи дороиҳо (ROA) ба 5,8 фоиз ва аз рӯи сармоя (ROE) бошад, ба 20,3 фоиз баробар шуданд.

Нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми суғурта дар интиҳои нимсолаи якуми соли 2020

